# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Октябри 2018

**Тибқи маълумотҳои ҷамъбастӣ сатҳи таваррум[1] дар моҳи октябри соли равон 0,7 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 0,4 банди фоизӣ (б.ф.) кам ва нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ба андоза 0,3 б.ф. зиёд мебошад.**

Ба таварруми ҳосилшуда дар моҳи ҳисоботӣ асосан болоравии нархи маҳсулоти хӯроквории ба андозаи 1,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,7 б.ф.) вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти алоҳидаи кишоварзӣ (махсусан, бодиринг 86,5 фоиз (0,3 б.ф.) ва помидор 23,2 фоиз (0,1 б.ф.)) ба амал омад. Инчунин, дар моҳи баррасишаванда нархи орд (вазни хоси он дар сабади истеъмолии кишвар 10,7 фоиз) раванди нисбатан болоравии худро идома дода, вобаста ба омилҳои берунӣ ва мавсимӣ 2,0 фоизро (0,2 б.ф.) ташкил дод.

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ нархи миёнаи гандум дар моҳи октябри соли ҷорӣ ба 213,5 долл. ИМА барои 1 тонна баробар шуд, ки нисбат ба аввали сол 16,0 фоиз зиёд мебошад

Нархи молҳои ғайрихӯроквории дар маҷмӯъ тағйирёбии нисбатан мӯътадил дошта 0,3 фоиз (0,1 б.ф.) афзоиш ёфт. Тавре ки маълум аст, бештари номгӯи молҳои ғайрихӯроквории маҳсулоти воридотӣ буда, тағйирёбии нархи онҳо аз вазъи бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ вобастагӣ дорад. Махсусан, нархи маводи сӯзишворӣ (0,2% м/м ё 15,5% с/с) вобаста ба болоравии нархи гази моеъ (0,6% м/м ё 14,9% с/с) ва бензини навъи АИ-92 (0,1% м/м ё 19,0% с/с) дар моҳи баррасишаванда раванди афзоишёбии мӯътадил дошт, ки асосан аз таъсири омилҳои пешниҳодот ва қиматшавии нархи он дар кишварҳои содиркунандаи маҳсулоти нафт арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, коҳишёбии арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ ба андозаи -0,6 фоиз (-0,1 б.ф.) ба қайд гирифта шуд, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи поёнравии нархи хизматрасонии нақлиёти мусофирбар 3,2 фоиз ба амал омад. Дар баробари ин, болоравии нархи тарифаҳои манзилию коммуналӣ 1,0 фоиз, маишӣ 0,7 фоиз ва маориф 0,1 фоиз ба назар расид.

**Сатҳи таварруми солона бошад, тамоюли тағйирёбии мӯътадили худро идома дода, ба 5,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7 б.ф. кам мебошад. Интизор меравад, ки сатҳи таваррумӣ солона раванди болоравии мӯътадили худро идома дода, дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда* ҷамъбаст хоҳад шуд.**

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таваррумӣ солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Сатҳи таварруми аслӣ** дар моҳи октябри соли ҷорӣ 0,1 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона бошад, ба 2,5 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин раванд нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани рустанӣ ва ҳайвонот), молҳои ғайрихӯрокворӣ (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

Дар пуёии тағйирёбии таваррумӣ ғайриаслӣ коҳишёбии нисбии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи октябри соли 2018 нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид. Аз ҷумла, арзоншавии нархи себ (-0,4% м/м ё -2,8% с/с), ангур (-2,8% м/м ё 18,1% с/с), нок (-23,0% м/м ё -13,5% с/с), лиму (-8,6% м/м ё 4,6% с/с), нахӯд (-5,0% м/м ё -21,2% с/с), гӯшти гов (-0,3% м/м ё 5,7% с/с), картошка (-1,0% м/м ё -34,1% с/с), каду (-10,4% м/м ё -16,7% с/с) ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Дар баробари ин, вобаста ба таъсири омилҳои беруни мавсимӣ ва таклифот, нархи орди навъи якум (2,0% м/м ё 6,3% с/с), бодиринг (86,5% м/м ё -34,4% с/с), помидор (23,2% м/м ё 89,3% с/с), биринҷ (0,3% м/м ё 16,3% с/с), равғани пахта (3,1% м/м ё 8,0% с/с), тухм (7,1% м/м ё 11,5% с/с), пиёз (14,8% м/м ё -50,7 фоиз с/с), сабзӣ (11,3% м/м ё 65,0% с/с) ва карам (17,5% м/м ё 67,0% с/с) раванди болоравӣ дошт.

**Бонки миллии Тоҷикистон, сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро тавассути воситаю механизмҳои мавҷудбуда ҷиҳати танзими ҳаҷми пул бахри нигоҳдории сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда амалӣ менамояд.**

**Таваррумӣ аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумӣ ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

**Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.*

**Таваррумӣ аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумӣ умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | Октябр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | | | | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **2,3** | **3,5** | **5,0** | **5,3** | **0,7** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-1,9** | **0,7** | **4,8** | **5,6** | **1,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | -2,1 | -0,8 | 4,5 | 6,0 | 1,3 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 10,2 | 13,1 | 15,8 | 16,3 | 0,3 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | -5,5 | -4,3 | 3,9 | 6,3 | 2,0 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 4,5 | 5,8 | 6,7 | 5,8 | 0,1 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 2,8 | 5,1 | 6,1 | 5,7 | -0,3 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -4,2 | 0,0 | 7,7 | 11,5 | 7,1 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,4 | 6,0 | 3,3 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | -1,4 | 5,4 | 8,8 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,5 | 4,0 | 4,7 | 7,8 | 1,9 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | 51,6 | 36,9 | 18,2 | 7,2 | -3,7 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -34,4 | -21,9 | -1,4 | 4,2 | 7,8 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | -16,8 | -13,8 | -11,3 | -6,3 | 0,0 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 4,0 | 3,6 | 3,6 | 3,3 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **5,2** | **5,2** | **6,9** | **6,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **6,2** | **6,8** | **6,4** | **5,7** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **6,7** | **5,9** | **5,7** | **5,9** | **0,3** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 5,4 | 5,2 | 4,6 | 4,7 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 6,7 | 6,0 | 7,0 | 6,9 | 0,5 |
| Моводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | 1,9 | 1,9 | 3,2 | 4,9 | 1,7 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 4,7 | 4,5 | 9,2 | 7,7 | -1,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 27,1 | 20,4 | 14,1 | 15,5 | 0,2 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,5 | 0,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 13,1 | 10,6 | 8,4 | 9,0 | 0,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **9,5** | **8,0** | **4,3** | **3,2** | **-0,7** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 19,2 | 14,9 | 11,3 | 5,6 | 1,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 14,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 14,7 | 14,7 | 14,7 | 0,6 | 0,2 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 44,7 | 24,8 | 8,7 | 13,4 | 0,6 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | 7,2 | 6,0 | -0,7 | 2,1 | -3,2 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,1 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 3,1 | 3,1 | 1,8 | 2,5 | 0,7 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо